# *«Tajikistan State University of Commerce»*

## *Course name: National economy*



# Week:2. The essence and tasks of the national economy

**Khojazoda Dilovar Khairuddin**

Lecturer of: National economy

***«Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тиоҷикистон»***

***Номи фан: Иқтисоди миллӣ***



# Мавзӯи :2. Моҳият ва вазифаҳои иқтисоди миллӣ

Хоҷазода Диловар Хайруддин

# Саволҳои лексия:

1. Моҳияти иқтисодӣ дар низоми амнияти миллии муосир.
2. Ташаккулёбии вазифаҳои иқтисодӣ дар шароити иқтисоди миллӣ.
3. Амнияти озуқаворӣ ва нақши он дар таъминоти бехатари иқтисодии мамлакат.

# 1.Моҳияти иқтисодӣ дар низоми амнияти миллии муосир.

***Хатари иқтисодӣ*** – ин эҳтимолияти аз дохил ва ё аз хориҷ ба миён омадани таъсири манфие мебошад, ки дар натиҷаи он ба организми иҷтимои ягон намуди зарар, зиён расонида шуда, оқибат косташавии ҳолати онро ба вуҷуд меорад. Ингуна таъсири манфӣ, яъне хатар метавонад ба давлат, корхона, шахсият, бар асари намудҳои гуногуни хатар – иқтисодӣ, экологӣ, техникӣ, офати табиӣ, хатари психологӣ, идеологӣ ва ғайра ба миён ояд.

# Хатарҳои бавуҷудомада:

Аз рӯи ҳаҷми (бузургии) фарогирии оқибатҳои манфии худ метавонад ба чунин гурӯҳҳо ҷудо шавад: хатари байналмилалӣ, глобалӣ; хатари минтақавӣ (минтақаҳои ҷаҳон); хатари миллӣ ё хатари ҷузъии минтақаҳои мамлакат; хатари ҷузъӣ (корхонаю шахсият).

Аз рӯи хелҳои худ бошад хатар ба ҳарбӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, фарҳангӣ, зеҳнӣ, илмию-техникӣ, иттиолотӣ ва ғайраҳо ҷудо мешавад.

Ҳакимов Ҳ.А. Иқтисоди миллӣ: асосҳои бехатарӣ ва рақобатпазирӣ. Воситаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2007. - 488 с.

# Ҳолати бехатарӣ:




***Бехатари*** яке аз вазифаҳои асосии таъсирбахши сатҳи иқтисоди миллӣ мебошад, ки дар он имконият ва эҳтимолияти хатар аз байн бардошта шуда, амният таъмин карда мешавад. Бехатарӣ инчунин ҳолате мебошад, ки дар он манфиатҳои ҳаётан муҳими ҷомеа, арзишҳои миллӣ ва тарзи миллии зиндагии аҳолии аз таҳдиди дохилию беруна эмин мешаванд.

Ҳакимов Ҳ.А. Иқтисоди миллӣ: асосҳои бехатарӣ ва рақобатпазирӣ. Воситаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2007. - 488 с.

# Сохтори мафҳуми бехатарӣ:




Ҳакимов Ҳ.А. Иқтисоди миллӣ: асосҳои бехатарӣ ва рақобатпазирӣ. Воситаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2007. - 356 с.

# Амнияти иқтисодӣ:

Амнияти иқтисодӣ (нахустин бор дар солҳои 70-уми асри XX ба вуҷуд омад) –ин маҷмӯи тадбирҳои давлатие мебошанд, ки барои рушди босубот ва таҳкими иқтисодиёти мамлакат равона шуда, дар шароити истиқлолияти давлатӣ мӯътадилии вазъи иҷтимоиву иқтисоди-сиёсӣ ва механизми боэътимоди пешгирии хатари дохилӣ ва беруниро тақозо мекунад.

# Бахши иқтисодӣ самти муҳим:

Маълум аст, ки бахши иқтисодӣ самти муҳимтарини фаъолияти ҷамъият, давлат ва шахсият буда, таъмини амнияти иқтисодӣ яке аз бартариятҳои асосии сиёсати ҳар як давлати соҳибистиқлол мебошад. Амнияти иқтисодӣ дар қатори таъмини мудофиаи мамлакат, таъмини сулҳу салоҳ дар ҷомеа, бехатарии экологӣ ва ғайра яке аз унсурҳои асосии бехатарии давлатӣ мебошад.

**Рушди иқтисодӣ ва иқтидори ҳар як давлат, устувории мавқеи он дар байни давлатҳои ҷаҳон ба бехатарии иқтисодӣ вобаста аст.**

Таъмини бехатарии иқтисодӣ, – менависад академики Академияи илмҳои Руссия Л.И.Абалкин, – ин кафолати истиқлолияти кишвар, шарти устуворӣ ва самаранокии фаъолияти зисти ҷомеа ва инсон мебошад. Чунин аст қоидаи умумие, ки истисно надорад. Бинобар ин таъмини бехатарии иқтисодӣ ба гурӯҳи муҳимтарин афзалияти миллӣ мансуб аст.

Бабашкина А.М. Государственное регулирование национальной экономики. Учеб. пособие. М.: Финансы и статистика, 2006с.

# Фаҳмиши мафҳуми амнияти иқтисодӣ:

Дар пайвастагӣ бо мафҳумҳои «тараққиёт» ва «устуворӣ» хубтару возеҳтар мешавад. Бе тараққиёт, ки яке аз шартҳои амнияти иқтисодӣ мебошад, мамлакат бар зидди хатари дохилӣ ё беруна мубориза бурда наметавонад. Устувории иқтисодиёт мустаҳкамӣ ва боэътимодии бахшҳои иқтисодиёт, тобоварии онро дар ҳамагуна холатҳои фишори дохилӣ ва беруна мефаҳмонад.

# Рушди босубод дар сатҳи иқтисоди миллӣ:

Дар бораи рушди босубот сухан ронда қарори Конфронси СММ-ро, ки соли 1992 бо иштироки роҳбарони аксари давлатҳои ҷаҳон баргузор гардид, бояд ёдовар шуд. Дар он зикр гардида буд, ки азбаски қисми зиёди захираҳои табиии сайёраи мо ба охир мерасад, зиёдшавии аҳолӣ хислати таҳдидкунанда мегирад, вазъи экологӣ ҳарчӣ номусоидтар мегардад, инсоният набояд бо роҳи қаблӣ пеш равад.

# Мафҳумҳои рушди босубот:

Аз рӯйи ингуна ақидаҳо дар адабиёт ҳоло мафҳумҳои рушди босуботро бо маънои маҳдуд ва маънои васеъ маънидод мекунанд. Бо маънои маҳдудаш рушди босубот рушди экологиро ифода мекунад. Бо маънои васеяш – ҳамагуна устувориро, на танҳо экологӣ, балки устувории иқтисодӣ, демографӣ, иҷтимоӣ, техногенӣ ва дигар намудҳои устувориро ифода мекунад.

# 2.Ташаккулёбии вазифаҳои иқтисодӣ дар шароити иқтисоди миллӣ:

Олимони соҳаи иқтисодӣ ва сиёсатшиносӣ, инчунин олимони соҳаи таърих маълум намуданд, ки ҷанги шаҳрвандӣ ба иқтисодиёти кишварамон зиёда аз 10 миллиард доллари амрикоӣ зарари моддӣ расонд. Аз ҷониби дигар, гусасташавии риштаҳои ҳамкории шарикӣ байни давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ Тоҷикистонро ба бунбасти коммуникатсионӣ рӯ ба рӯ намуд. Сатҳи бекорӣ дар ин давра ба ҳадди ниҳоии худ расида сатҳи камбизоатӣ 80%-ро ташкил дод[1].



1. Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 53-54с.

# Ҳадафҳои стратегии милии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон:



# Таъмини истиқлолияти энергетикӣ:



Роҳбари давлат борҳо таъкид намудаанд, ки рушди мунтазами иқтисодиёти кишвар бе истиқлолияти энергетикӣ ва таъмини пурраи ҳамаи соҳаҳо бо нерӯи барқ ғайриимкон аст. Аз ин лиҳоз барои истифодаи имкониятҳои берунӣ барои рушди энергетика, ки чун яке аз заминаҳои асосии рушди иқтисодии кишвар дониста мешавад, бояд саъй кард.

# Вазифаҳои амалкунандаи соҳаи энергетика:

Роҳбари давлат дар Паёми худ ба парлумони кишвар зикр намуд, ки таъмини иҷрои барномаҳои мухталифи соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва дар сатҳи устувор нигоҳ доштани рушди иқтисодӣ, ки аз Стратегияи миллии рушди иқтисодиёт то соли 2030 бармеоянд, ба ҳалли мушкилоти энергетикии кишвар вобаста буда, дар ин самт бояд вазифаҳои зерин амалӣ карда шаванд:

1

- Бунёди нерӯгоҳҳои хурду миёна ва бузург, хатҳои интиқоли қувваи барқ ва таъсиси системаи ягонаи энергетикии мамлакат;

2

- Бо роҳи таъмиру таҷдиди иншооти гидроэнергетикӣ ва барқарорсозии иқтидори онҳо, инчунин шабакаҳои интиқоли барқу газ, гузаштан ба истифодаи технологияҳои каммасрафи энергия ва таъмин кардани рушди бонизоми соҳаи энергетика;

3

- Бо истифода аз тамоми захираву имкониятҳо ва ҷалби сармоягузории дохиливу хориҷӣ дар давоми се соли оянда пурра бо гази табиии истеҳсоли худӣ ва дар чор соли оянда бо нерӯи барқ таъмин кардани эҳтиёҷоти мамлакат ва дар ҳамин асос таъмин намудани истиқлолияти энергетикии Тоҷикистон

# Баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ:




Баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ дар қатори ҳадафҳои стратегие мебошад, ки ҳамчун вазифаи умумимиллӣ ва омили муҳими пешрафти кишвар шуморида шудааст[1]. Ин ҳадаф сохтмону таҷдиди роҳҳои автомобилгард, оҳан, пулҳо, нақбҳо, фурӯдгоҳҳо ва дигар инфрасохтори нақлиётиро мутобиқ бо стандартҳои байналмилалӣ дар бар мегирад, ки амалишавии он тадриҷан бояд ҷумҳуриро аз бунбасти коммуникатсионӣ берун оварда, онро ба минтақаи транзитӣ табдил диҳад.

1. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Душанбе-103 с.

# Роҳҳои дигари фаъолияти стратегӣ:

Самтҳои дигари муҳими стратегии таъмини рушди иқтисодиёти миллиро Пешвои миллат аз рӯзҳои аввали фаъолияти хеш баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ арзёбӣ намуда буданд, ки дар ин самт низ дар ҷумҳурӣ ба дастовардҳои намоёни назаррас ноил гаштем.






https://www.bbc.com/tajik/news/2013/04/130410_mm_tunnel_istiqlal

Бунёд ва азнавсозии роҳҳои Душанбе - Кӯлоб - Хоруғ - Кулма – Қарақурум, Душанбе – Қурғонтеппа – Кӯлоб, нақбҳои Истиқлол, Озодӣ, Шаҳристон, Чормағзак, роҳҳои Душанбе - Нуробод - Ҷиргатол – Саритош, Айнӣ –Панҷакент, Душанбе –Турсунзода аз ҷумлаи тадбирҳои анҷомдода дар ин самт мебошанд. Тавре аз таҳлили мутахассисон бар меояд, дар соҳаи нақлиёти кишвар 45 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умумии зиёда аз 12 миллиард сомонӣ татбиқ шуда, беш аз 2000 километр роҳҳои мошингард таҷдиду бунёд ва ба истифода супорида шудаанд.

# Таъмини амнияти озуқаворӣ:

Таъмини амнияти озуқаворӣ аз ҷумлаи ҳадафҳои афзалиятноки стратегии Давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Дар ин бобат бахри расидан ба беҳтаршавии зиндагии сокинони кишвар мусоидат мекунанд, тадбирҳои зиёде андешида мешавад. Пешрафти истеҳсолоти кишоварзӣ омили муҳимтарини таъмини амнияти озуқаврии кишвар муайян шудааст.

# Саноатикунонии босуръати кишвар:



Барои расидан ба ин мақсад, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалишавии барномаҳои соҳавии қабулгардида ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузориро, таҳти назорати қатъӣ қарор додааст, ки дар Паёми соли 2020 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод намудан, ки Тоҷикистон давра ба давра аз давлати аграри ба саноати гузаронида шавад[1].

1.Паёми Президенти Чумхурии Точикистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Маҷлиси Оли, «Ҷумҳурият», 04 январи соли 2020.

# Ҳамкориҳои ҷумҳури бо дигар кишварҳои дунё:

Бо мақсади ноил шудан ба рушди иқтисодӣ миллӣ ва таъмини аҳолии кишвар бо маҳсулоти озуқаворӣ Пешвои миллат сиёсати “дарҳои кушод” ва рушди ҳамгироии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо созмону ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони умумиҷаҳонии савдо, ки аз ҷумла Тоҷикистон ва 157 давлат аст, ки дохил шудааст. Созмони ҳамкории Шанхай ба роҳ монданд, миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зиёда аз 144 кишвари дунё робитаҳои иқтисодиву тиҷоратӣ барқарор карда шуданд, ки барқарор намудани ин ҳамкориҳо ба дастёбии соҳибкорони кишвар ба бозорҳои берунӣ, зиёд шудани ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ дар кишвар мусоидат намуд.

# 3.Вазифаҳои таъмини амнияти озуқаворӣ барои беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ:



Таъминоти амнияти озуқаворӣ дар шароити имрӯза яке аз вазифаҳои муҳимтарини рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоб рафта он дар ҳалли вазифаҳои иқтисодӣ-иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳимро мебозад. Ин ҳолат пеш аз ҳама дар он муайян мегардад, ки вазъи соҳаҳои иқтисоди миллӣ, аз он ҷумла кишоварзӣ ва рушди самараноки фаъолияти он таъминоти амнияти озуқавориро муайян намуда, истеҳсоли маҳсулоти озуқавориро ба аҳолии худ таъмин намуда инчунин ба беруни кишвар содирнамоии маҳсулоти ватаниро афзоиш диҳад.

# Ҳадафи сеюм, таъминкунандаи амнияти озуқавори ба ҳисоб меравад:



https://majmilli.tj

# Таъмини амнияти озуқаворӣ вазифа ва фаъолияти он.

Таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат яке аз ҳадафҳои муҳимми “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, маҳсуб меёбад. Соҳаи саноати хӯрокворӣ яке аз бахшҳои асосии пешбарандаи иқтисодиёти кишвар ба шумор рафта, рушди он барои таъмини аҳолӣ бо молу маҳсулоти истеъмолӣ, баланд гардидани сатҳи зиндагӣ ва бо ҷойҳои корӣ таъмин намудани аҳолӣ мусоидат менамояд. Бинобар ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъмини амнияти озуқавориро яке аз ҳадафҳои стратегии давлат эълон намудаанд.

Мавқеи корхонаи саноати хӯрокворӣ дар маҷмуи маҳсулоти саноатии кишвар назаррас буда, мувофиқи маълумотҳои оморӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳа аз 48,3 млн сомонии соли 1996 ба 11,6 млрд сомонӣ дар соли 2023 расонида шудааст, ки 6770 млн сомонӣ ё ин, ки дар қиёс ба соли 1996 2,4 баробар зиёд мебошад. Баробари пешрафти дигар соҳаҳои хоҷагии халқи кишвар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ низ рушд намуда, сол то сол ҳиссаи онҳо дар ММД афзоиш меёбанд ва дар татбиқи ҳадафи чоруми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Саноатикунонии босуръати кишвар” саҳми арзанда гузошта истодаанд. Шумораи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар соли 2023 ба 815 адад баробар гардид, ки нисбати соли 1991 8,6 баробар зиёд мебошад.

# Муайян намудани самтҳои асосии рушди фаъолияти корхонаҳои хӯрокворӣ зарур аст, ки иҷрои корҳои зерин пайваста такмил дода шаванд,

ба таҷҳизоти техникии корхона (базаи моддӣ, таҷҳизоти муҳандисиву техникӣ, таркиби биноҳо, ҳалли меъмориву нақшагирӣ ва ғайра), диққати ҷиддӣ дода шавад;

тартиби нигоҳдории молу маҳсулот;

– дараҷаи тахассуснокии кормандони соҳа;

– бояд ба сифати хизматрасонӣ (одоби муошират, симои зоҳирии корманд ва либоси ягонаи корӣ) таваҷҷуҳ намуд;

маҳсулотҳои ба фурӯшгузошташуда ба навъҳо ҷудо карда шаванд;

# Маҷмӯи чорабиниҳои ба таъминоти амнияти озуқаворӣ мусоидаткунанда:

Ҳамин тавр ба ҳамаи муаммоҳои дар боло ҷойдошта нигоҳ накарда, дар айни ҳол инчунин чорабиниҳое низ вуҷуд доранд, ки ҳалли амалии онҳо метавонад то андозае ба истеҳсоли маҳсулотҳои асосии хӯрока ва дар маҷмӯъ ба рушди таъминоти амнияти озуқаворӣ мусоидат намоянд. Аз ҳамин нуқтаи назар, фикру андешаҳои дар боло овардашударо ҷамъбаст намуда, аз нигоҳи мо барои пешгирӣ намудани муаммоҳои дар боло овардашуда ва таъминоти озуқаворӣ мамлакат ҳалли чорабиниҳои зерин дар мадди аввал меистад:

Баланд бардоштани маҳсулонокии замин ва ҳосилноки зироатҳои обӣ, афзун намудани ҳаҷми истеҳсол ва зиёд намудани майдони кишти маҳсулотҳое, ки талаботи аҳолиро бо маводи озуқа таъмин менамоянд;

Нигоҳ доштани болоравии нархҳо, баъдтар паст намудани нархҳо ва тарифҳо бо маҳсулотҳои кишоварзӣ бо роҳи танзими давлатии бозори озуқаворӣ (ҷорӣ намудани сиёсати протексионӣ (яъне ҳимояи истеҳсолкунандагони ватанӣ, ҷорӣ намудани андозҳои имтиёзнок ва имтиёзҳои боҷи гумрукӣ) афзун намудани маҳсулотҳои озуқа бо роҳи истехсолу воридот намудан);

Захира намудани маҳсулотҳо дар давраи мавсим ва ташкил намудани нуқтаҳои махсуси фурӯши маҳсулотҳои кишоварзӣ, ки ин амалиёт метавонад бо воситаи ташкилоти «Тоҷикматлубот» сурат гирад;

Ба кор андохтан ва тараққӣ додани корхонаҳои комплекси агросанотӣ (КАС) дар ноҳияҳо ва минтақаҳои дурдасти ҷумҳурӣ бо хотири талаф наёфтани маҳсулотҳои кишоварзӣ ва то ба истеъмолкунанда расонидани он;




Гузариш ба усулҳо ва намудҳои навтарини истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ бо истифодаи технологияи инноватсионӣ (мубориза бар зидди ҳашаротҳои зараровари зироатҳои кишоварзӣ ба усули биологӣ, ҷорӣ намудани обёрии қатрагӣ ва боронӣ, истифодаи нуриҳои органикӣ, истеҳсоли маҳсулоти аз аз ҷиҳати экологӣ тоза)[1];

1.Ҳакимов Ҳ. А. Ташкили идораи иқтисоди миллӣ. Василаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2005. - 416 с.

# Адабиёти истифодашуда:


1. Бабашкина А.М. Государственное регулирование национальной экономики. Учеб. пособие. М.: Финансы и статистика, 2006с.

2. Қодиров Ш.Ш. Назарияи иқтисодӣ: иқтисоди миллӣ ва иқтисоди ҷаҳонӣ: Китоби дарсӣ –Душанбе: Амри илм, 2001. -134с.

3. Одинаев Х.А. Эколого-экономическое регулирование природо-пользования в сельском хозяйстве. – М.: МАКСПресс, 2004. -240 с.

4. Паёми Президенти Чумхурии Точикистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Маҷлиси Олӣ, «Ҷумҳурият», 04 январи соли 2020.

5. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. 33-80 с.

6. Ҳакимов Ҳ.А. Иқтисоди миллӣ: асосҳои бехатарӣ ва рақобатпазирӣ. Воситаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2007. - 488 с.

7. Ҳакимов Ҳ. А. Ташкили идораи иқтисоди миллӣ. Василаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2005. - 416 с.

8. Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 53-54с.

9. https://www.bbc.com/tajik/news/2013/04/130410_mm_tunnel_istiqlal

10. https://majmilli.tj

# ТАШАККУР БА ДИҚАТАТОН!